# ТАҚРИЗ

Ба автореферати рисолаи илмии Абдуғафури Сафар дар мавзуъи “Хусусиятҳои Физиологии баъзе намудҳои лабгулҳои (LAMIACEAE MART.) Қисмати Ҷанубии Қаторкӯҳи Ҳисор” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-Ботаника

Дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон фаъолияти 75%-и аҳолӣ ва сатҳи зиндагии онҳо ба истифодаи сарватҳои биологӣ, алалхусус ба растаниҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз омӯзиш, баҳодиҳӣ ва зарурати нигоҳдошти гуногунии биологӣ хеле мубрам мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳим дар омӯзиши олами наботот омӯхтани таксонҳои маъмултарин ва гуногунии таркиби флора мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши оилаи Lamiaceae Mart., ки яке аз оилаҳои калони таркиби флораи олами набототи Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешбурди минбаъдаи иқтисоди миллиро зина ба зина баланд бардошта, сатҳу сифати зиндагии мардумро дар доираи яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар тарҳрезӣ намуда, онҳоро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба оилаи – Lamiaceae Mart. 198 намуд, 39 авлод мансубанд , ки аз ин миқдор 38 авлод, 118 намуд дар таркиби ноҳияи флораи Ҳисору Дарвоз ва 74 намуд, 33 авлод дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавҷуд мебошад.

Дар шароити Тоҷикистон таҷрибаҳои илмӣ оид ба омӯзиши гуногунии биологӣ ва таҳлили оилаи лабгулҳо гузаронида нашудаанд. Маводҳо оид ба ин масъала дар мақолаҳои алоҳидаи илмӣ мавҷуд буда, оид ба гуногунии оилаи лабгулҳо –Lamiaceae Mart.дар шароити қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳқиқот гузаронида нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, гуногунии биологии намудҳои оилаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор гирифтан. Таҳқиқотҳои Абдуғафури С нишон доданд, ки дар ҳудуди қаторкӯҳи Ҳисор намудҳои гуногуни ин оила мавҷуд буда, онҳо аз тарафи аҳолӣ ба сифати доруворӣ (пудина, субинак, ниёзбӯ, ҷамбилак), ғизоӣ (райҳон, субинак, кокутӣ, пудина) ва равғани эфирдиҳанда (субинак, мармарак, зуфои хушбӯй, ушнондору) истифода мешаванд ва ҳолати баъзе намудҳои оила аз таъсири антропогенӣ-ҷамъоварии бенизом ва ҷаронидани чорво осеб дидааст ва ин раванд омӯхта нашудааст.

Абдуғафури Сафар мақсад гузоштааст, ки таҳқиқот арзёбии гуногунии биологии таркиби оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян намояд. Барои ноил шудан ба ин мақсад дар назди худ вазифаҳои зиёдеро гузоштааст:

Абдуғафури Сафар дар назди худ, гуногунии намудии оилаи лабгулҳои –Lamiaceae Mart. қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор интихоб кардааст.ва бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда аст. Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян кард, ки дар минтақаи омӯзиш 33 авлод ва 74 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд аст. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 2 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст.

Бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуданд. Харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шуданд. Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои онҳо: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz, *Nepeta catarica* Juz., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

Дар омӯзиш, шарҳ ва таҳлили адабиёти илмӣ, кор карда баромадани барномаи таҳқиқот, иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишӣ, корҳои аналитикӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди математикии натиҷаҳои ба дастомада, баҳодиҳии омории иқтисодӣ, тарҳрезии тавсияҳои хулосавӣ ва пешниҳодҳо ба истеҳсолот баназар мерасад.

Унвонҷу тавсия медиҳад, ки дарр натиҷаи гузаронидани корҳои амалии саҳроӣ ва омӯзиши адабиётҳои илмӣ дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор (дар ҳудуди дараҳои Қаратоғ, Алмосӣ, Варзоб, Луҷоб, Такоб ва Ромит) 74 намуди оилаи лабгулҳо муайян карда шуд, ки онҳо мансуби 33 авлод мебошанд ва маълумот оид ба гуногунии онҳо дар ҷадвалҳо. ва замимаҳо диссертатсия оварда шудааст. Аз ҷадвалҳо бармеояд, ки 30 намуди намояндаҳои лабгулҳо равғани эфирдиҳанда (*Teucrium scordioides Scutellaria adenostegia, Drepanocaryum Sewertzowii* ва ғайраҳо), 21 намудашон дорувор (*Salvia sclarea, Ziziphora pamiroalaica, Lamium album, Origanum tyttanthum*ва ғайраҳо), 14 намуд асаловар (*Dracocephalum stamineum, Eremostachys speciosa, E. seravschanica, E. labiossisima, Salvia sclarea*), 25 намуд ғизоӣ (*Mentha asiatica, M. piperita, Ziziphora pamiroalaica*ва ғайраҳо), 6 намуд алкалоид ва сапониндор (*Scutellaria hissarica, S.adenostegia, Nepeta Formosa, Drepanocaryum bipinnatum, Leonurus turkestanicus* ва ғ.), 5-намуд ороишӣ (*Dracocephalum oblogifolium, Eremostachys arctiifolia, E.hissarica, E.lehmaniana*), 25 намудаш хӯроки чорво (*Scutellaria anitae, Nepeta podostachys, Lophanthus ouroumitanensis* ва ғайраҳо) ва 2 намудаш рангдиҳанда (*Phlomus bucharica, Lycopus europaeus*) мебошанд.Рисола дар ҳаҷми 178 саҳифа таҳия гардида, аз 5 боб, муқаддима, хулосаю пешниҳодҳо, 47 расм, 7 ҷадвал, 2 диаграмма,4 харита ва замимаҳо иборат мебошад. Корҳои чопшудаи Ӯ дар доираи

мавзуи диссертатсия 8 маводи илмӣ ба табъ расидаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд

Навобаста аз арзишнокии таҳқиқот, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва хатогиҳо дида мешаванд:

*1.Рисолаи илми бо забони тоҷикӣ омода карда шудааст, лекин руйхати адабиётҳо баъзеашон бо забони русӣ оварда шудааст ва дар онҳо хатогиҳои имлои дида мешавад?(фамилияҳои руси бо хатогиҳо навишта шудааст.*

*2.Дар автореферат оид ба натиҷаҳои асосии омузиши 5-хулоса оварда шудааст, ин барои рисолаи номзади кам мебошад 6-8 хулоса кунед,*

Дар натиҷаи ҷамъбасти таҳлили кори тақризи, ба автореферати Абдуғафури Сафар дар асоси талаботи қоидаҳои ба расмият даромада, таҳия гардидааст ва камбудиҳои дар автореферат ҷойдошта ба баҳодиҳии умумии он монеа намешаванд.

Дар умум чунин меҳисобем, ки мавзуъ аз рӯйи муҳимият, мақсаду вазифа, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои аниқ, интишорот ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдуғафури Сафар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми биологӣ, ихтисоси 03.02.01 – Ботаника сазовор мебошад.

Профессори кафед.зироаткорӣ ва истеҳсоли хурокӣ
чорво-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур д.и.кишоварзӣ (06.01.01-зироаткории
умумӣ,растанипарварӣ
E-mail;kodirov.kobiljon@mail.ru Қодиров Қобил Ғафурович

Имзои Қодиров Қ.Ғ.- ро тасдиқ мекунам сардорӣ
шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва таъминоти
кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Абдухалимзода Н.А

16.05.2024